ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
СЕРИЯ: ФИЛОСОФИЯ И ПРАВОВЕДЕНИЕ, № 1—2 (5-6), 1993 г.

## ИСТОРИЯ ФИЛОСОФИИ

**М. ДИНОРШОЕВ**

# ЗУРВОНИЯ ВА ДАҲРИЯ

Фалсафаи тоҷик тақрибан се ҳазор сол таърих дорад. Мактабҳои аввалини акидатии форс-тоҷик, ки бо номи зардуштия, монавия, маздакия машҳуранд, аслан маншаи динӣ ва рӯҳонигарой (идеалистӣ) доранд. Вале ҳанӯз дар доираи ҳамин мактабҳои динӣ масоили хоссаи фалсафӣ, ба мисли масоили мабдаи олам, қидам (ё худус)-и ҷаҳон ва шаклҳои ҳастии он, муборизаи зидҳо, мақоми инсон дар олам ва ҷомеа, ашколи ҷомеадорӣ ва давлатдорӣ, ахлоқи ҳамида ва разила мавриди баррасӣ будааст. Пайдоиш ва тавсеи мактабҳои хос фалсафӣ ба асрҳои 2—3 милодӣ мутааллиқ аст. Чунонки аз манобеъ ва маохизи таърихӣ-фалсафӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқон бармеояд, маҳз дар ҳамин давра мактабҳои хос фалсафии машшоияи форсӣ-тоҷикӣ, зурвония, даҳрия ва табоия арзи ҳастӣ мекунанд ва баъдан ба рушд ва камол мерасанд. Дар ин мақола фақат аз хусуси зурвонияи моддигаро ва даҳрия баҳс хоҳад шуд.

**Зурвония.** Зурвон (дар Авесто — zrvana, дар забони паҳлавӣ — zurvana) дар луғат ба маънии замон аст. Дар Авесто Зурвон номи худои марг ва нигоҳбони роҳи пули Чинват (пули Сирот) мебошад. Агар баъзе мадракҳои Авесто (аз ҷумла ояти 30 банди 3 Ясно), ахбори Езник — олими армании қарни панҷуми милод ва маълумоти Муҳаммад Шаҳристониро дар бораи падари Аҳурамаздо ва Аҳриман будани Зурвон ба эътибор бигирем, пас зурвонпарастӣ дар байни мардуми эроннажод решаи бисёр куҳани таърихӣ хоҳад пайдо кард. Чунонки Дамаскиус (Damascius)—яке аз ҳафт тан файласуфи навафлотунӣ, ки ба дарбори Анушервон панаҳ бурда буданд, хабар медиҳад, аввалин нигорандаи хориҷӣ, ки ба Зурвония ишорат кардааст, Евдеми Радосӣ (Eubemos Rhodes) — шогирди Арасту ва файласуфи нимаи дуюми қарни чаҳоруми пеш аз милод мебошад. Аз ин гуфтори Дамаскиус чунин натиҷа метавон гирифт, ки зурвония чун яке аз ашколи мушаххаси ҷаҳонбинӣ тақрибан дар қуруни 5—4 пеш аз милод пайдо шудааст. Дар ҳар сурат чунонки аз манобеи таърихӣ ва таҳқиқоти уламои имрӯза бармеояд, зурвония дар тамоми давраи хаҳоманишӣ ва сосонӣ ривоҷ доштааст. Дар даврони сосониён зурвонпарастӣ ҳатто борҳо кеши расмии давлатӣ ва дарбори сосонӣ мегардад. Вале сарфи назар аз ин дар бораи намояндагони ин ҷараёни фикрӣ ва осори онон акнун чизе ба даст нест. Бинобар ин муҳаққиқин усули ақоиди зурвонияро дар асоси мутуни нимзурвонии баъди ислом, ба мисли «Бундаҳишн» («Bundahisn»), «Зотспарам» (Zotsparam») ва «Миноки храт» («minoki khrat») ва матни зурвонии асили «Уламои ислом (авоили қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ) баррасӣ кардаанд. Аз рӯи ин масодир ва таҳқиқот дар зурвония метавон ду фирқаро аз ҳам ҷудо кард: 1. Зурвонияи мазҳабӣ [1]; 2. Зурвонияи моддӣ. Вале дар хусуси ин ки ин фирқа-

---

[1] Барои иттилои бештар дар бораи зурвонияи мазҳабӣ нигаред: Об учении персидских магов. Сочинение Езника, армянского писателя V века. Санктпетербург, 1858; Zaehner K: C. Zurvan, A. Zoroastrian Dilemma. Oxford, 1953; Zaehner K. C. Postscript to Zurvan. Bull. of the Scool of Oriental Stadies, 1955, v. 17, pt. 2, p. 232—249; Boeycem. Same reflection on Zurvanism. Ҳамонҷо, 1957, pt. 2, p 304—316

محمد الشهرستانی الملل و النحل جزو اول، ص ۲۳٤—۲۳٦؛ م. ش. در بارهٔ اولین مکاتب فلسفی مادی‌رد یاران—دروانیان و دهریون. دنیا رقم ۱ سال سوم، ص ۵۷—۷۲

ҳо кай аз ҳам ҷудо шудаанд, мадраке дар даст надорем. Зеҳнер (Zaehner) ҳадс задааст, ки аввал фирқаи моддӣ ва сипас фирқаи мазҳабии зурвония дар авоили даврони сосонӣ пайдо шудаанд. Муаллифи мақолаи «Дар бораи аввалин макотиби фалсафаи моддӣ дар Эрон» ба ин фикри Зеҳнер розӣ нест. Ба ақидаи ӯ «тафаккури фалсафӣ аввал дар қолиби мазҳаб ба миён меояд ва сипас дар сайри таҳкомули худ бо рушди маърифати инсон аз ҷаҳони хориҷ аз он мунтазаъ мегардад ва мабҳаси мустақиле мешавад. Аз тарафи дигар, шавоҳиди таърихӣ бар ин гувоҳӣ медиҳанд, ки **зурвонпарастӣ** муддатҳо пеш аз даврони сосониён реша гирифта ва дар авосити қарни саввуми милодӣ ба сурати мазҳаби роиҷӣ мардуми ҷануби ғарбии Эрон даромадааст. Фирқаи моддии зурвонӣ... бегумон таҳти таъсири ақоиди фалсафаи моддии Юнон, махсусан Арасту, баъдан аз зурвонпарастии мазҳабӣ муншааб шудааст. Ин ҷараён ба эҳтимоли зиёд мусодиф бо даврони Ардашери Бобакон ва Шопури аввал аст». Дуруст аст, ки «фалсафа аввалан дар ҳудуди шакли динии шуур ба вуҷуд меояд ва бо ин роҳ аз як тараф динро ҷун дин барҳам мезанад, аз тарафи дигар ба ҳасби мазмуни мусбаташ ҳанӯз худи он фақат дар доираи маънавӣ ва фикрии дин инкишоф меёбад»[2]. Вале дар назар бояд дошт, ки дар ин маврид сухан аз даврони пайдоиши тафаккури фалсафӣ ва ҷудо шудани он аз дин меравад. Аммо ҳамин ки фалсафа истиқлол ёфт ва ба мабҳаси ҷудогона табдил шуд, шарт нест, ки ҳар як таълимоти фалсафӣ «дар қолиби мазҳаб ба майдон ояд». Лекин дар айни ҳол ба ақидаи муаллифи мақолаи мазкур дар хусуси ин, ки «ин ҷараён (яъне зурвонияи моддигаро—**М. Д.**) ба эҳтимоли зиёд мусодиф ба даврони Ардашери Бобакон (224—242—**М. Д.**) ва Шопури Аввал (242—272—**М. Д.**) аст», розӣ бояд шуд. Зеро дар асоси далоили зерин ба эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки зурвонияи моддӣ дар қарни саввум аз зурвонияи мазҳабӣ ҷудо шуда ҷараёни мустақили афкори фалсафии материалистиро ташкил додааст:

1. Ардашери Бобакон ва Шопури Аввал ба фалсафа рағбати зиёд доштанд ва дар роҳи густариш додани он ва ҷамъоварии кутуби фалсафии юнонӣ ва ҳиндӣ кӯшиши зиёд ба кор мебурданд. Дар фасли чаҳоруми «Денкарт»—китоби зардуштии қарни нӯҳум дар ин хусус чунин навишта шудааст: «Шопури—Шоҳаншоҳ... аз навиштаҳои динӣ дар бораи пизишкӣ, ситорашиносӣ, ҳаракат..., замон, макон..., ҷавҳар..., офариниш, масоили маърифат, ки андар Ҳиндустон ва Рум ва дигар сарзаминҳо пароканда буд, гирд овард ва дар Авесто ворид кард ва фармуд то нусхаи дурусте аз ҳамаи онҳо дар ганҷи шойгон нигоҳдорӣ гардад»[3]. Агар асли кор чунин бошад, дар ин даврон дар зери таъсири макотиби фалсафаи Ҳинд ва Юнон аз зурвонияи мазҳабӣ ҷудо шудани зурвонияи фалсафии моддигаро аз эҳтимол дур нест.

2. Қартир — мӯъбади мӯъбадони даврони Баҳроми аввал дар катибаи машҳураш дар каъбаи зардуштӣ менависад, ки дини муғонро то сарзаминҳои ғайри эронӣ густариш дода, яҳудиён, буддоиҳо, барҳамонҳо, насоро, монавиён ва **зиндиқонро** саркӯб кардааст. Мувофиқи ахбори Масъудӣ дар замони Баҳроми аввал касонеро **Зиндиқ** меномиданд, ки Авесторо таъвил мекарданд ва ба қидами модда ва олам мӯътақид буданд[4]. Чунон ки баъд шарҳ хоҳем дод, эътиқод ба қидами модда ва олам яке аз усули умдаи зурвонияи моддӣ аст. Бинобар ин ҷои тардид нест, ки зиндиқоне, ки Қартир саркӯб кардааст, ҳамон зурвониёни моддигароанд. Агар ин ҷараён дар қарни саввум ба вуҷуд намеомад ва рушд намекард, ба саркӯб кардани намояндагони он ниёзе пайдо намешуд.

Аз рӯи манобеъ ва таҳқиқоте, ки дар бораи зурвония вуҷуд дорад, усули фалсафаи зурвонияи моддӣ чунин аст: Асоси тамоми ҳастиро зурвони бекарона (дар Авесто — zrvan akarana, дар паҳлавӣ —

---

[2] Маркс К. и Энгельс Ф. Соч. изд. 2—Т. 26.—Ч. 1—С. 23.
[3] Zaehner. Ҳамон асар, с. 8.
[4] مسعودی، مروج الذهب، القاهرة، ۱۳۷۷، ص ۸ـ۱٦۷

zurvani akaranak) — замони бекарона (беканора) ташкил медиҳад, ки ҷавҳари ба сари худ мустақил ва қоиммузот аст. Замон ва макон мояи аслии ҳастӣ ва ҷавҳару тухмаи модда мебошанд. Замон ба шакли низом ва қонуни табиӣ дар тамоми ҳастӣ сараёни қавӣ дорад. Аз ин зурвони бекарона зурвони каронаманд (дар Авесто — zrvan daraghoxvarata, яъне зурвони дернопой, дар паҳлавӣ — zurvani kanarakamand, ё derangxvatay — яъне зурвони дернопой) ва сипеҳр (моддаи уло), ки ба масобеҳи тан ва ҷисми замони каронаманд мебошад, пайдо шудааст. Худи сипеҳр моддаи нахустин, ҳаюлои нахустин ё ба ибораи паҳлавӣ tohm, tohmak (тухми модда, сиришти вуҷуд) ва mater (модда)-е аст, ки тамоми мавҷудот аз он падид омадааст. Аз ин моддаи нахустин аввал сурати нахустин ё охшичи чаҳоргона — оташ, бод, об, хок пайдо шудааст. Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Аз рӯшноии бекарон оташ ва аз оташ бод ва аз бод об ва аз об хок ба вуҷуд омадааст», Сипас аз сипеҳр ё моддаи нахустин табоеи чаҳоргона (хушкӣ, гармӣ, тарӣ, сардӣ) ё сурати дуввум ва дар анҷоми кор сурати саввум, яъне зиндагии олӣ (органикӣ), ҷонварон ва инсон қадам ба арсаи ҳастӣ мегузорад. Ҷаҳоне, ки аз сипеҳр ё моддаи нахуст (ҳаюлои нахуст) фароҳам омадааст, баъди дувоздаҳ ҳазор соли кайҳонӣ гусехта ба сурати ғоии худ табдил меёбад ва ин истиҳолаи муҷаддади он ба зурвони бекарона аст. Аз баъзе ахбори масодир ва манобеъ чунин ба назар мерасад, ки яке аз нукоти умдаи назариёти зурвониён эътирофи ҷабр ва қонунияти табиӣ аст. Аз рӯи мантиқ ин ахбори манобеъ аз ҳақиқат дур нест. Зеро фалсафае, ки ҳастии худоро инкор мекунад, ногузир ба нафйи сарнавишти илоҳӣ ва эътирофи ҷабр ва қонунияти табиӣ мерасад.

Эътироф бояд кард, ки он чи ки ин ҷо овардем сурати ягонаи зурвонияи моддӣ нест. Мутуни паҳлавӣ саршори зиддият ва танокуз буда сурати зурвонияи моддиро ба ҳар ранг ҷилвагар месозанд. Масалан, аз бархе қитъаоти «Денкрат» ва «Уламои ислом» чунин натиҷа бар меояд, ки зурвониён таҳаввули оламро ба таври зайл тасаввур мекардаанд: Аз сипеҳр нахуст табоеи чаҳоргонаи гарм ва тар, сард ва хушк падид омад, ки ҷуфти аввал нур ва ҷуфти дуввум зулмат аст. Сипас сурати аввал, яъне ҳаракати вуҷуд ва охшичҳои чаҳоргона пайдо шуданд, ки асли сувари табиат ва ҳастии моддианд. Баъд сурати дуввум ва оромиши вуҷуд, ё омезиши хавоси табиӣ ба вуқӯъ расид. Дар анҷоми кор сурати саввум — ҷон ва ба тавассути он рустанӣ, ҷонварон ва инсон пайдо шуд. Сарфи назар аз ин танокузот манобеи таърихӣ усули умдаи фалсафаи зурвонияи моддиро аз таҳаввули сипеҳр (моддаи нахуст) дар замони бекарона, ки ҷавҳари ҳастӣ аст, иборат медонанд. Ин назариёти зурвонияи моддиро баррасӣ карда мебояд гуфт:

1. Эътирофи зурвони бекарона аз он дарак медиҳад, ки зурвониён ба азалӣ ва абадӣ будани замон ва модда эътиқод доштаанд ва собит мекарданд, ки замон дар гузашта оғозе ва дар оянда анҷоме надорад.

2. Азбаски зурвониён зурвони бекаронаро мояи аслии ҳастӣ ва ҷавҳару тухмаи сипеҳр (моддаи уло) медонистанд, бинобар ин ба азалият ва абадияти моддаи нахустин боварии комил доштанд. Эътирофи азалият ва абадияти моддаи нахустин ё сипеҳр нуктаи муҳими материализми зурвонӣ аст.

3. Зурвониён тарафдорони назарияи ҷавҳарияти замон буданд, зеро зурвонро ҷавҳари пойдор ва қоим ба сари худ медонистанд. Ин назарияест, ки чӣ дар даврони бостон, масалан дар осори Демокрит ва чӣ дар қуруни вусто (масалан дар навиштаҳои Абубакри Розӣ, Исаак Ньютон, Самуэл Кларк) роиҷ буд. Вале аз назари илми кунунӣ замонро ҷавҳари қорруззот донистан дуруст нест. Замон яке аз сифоти моддаи мутаҳаррик буда ба ҳаракат ва макон сахт марбут аст. Равшантар бигӯем, замон микёси ҳаракати моддаи мутаҳаррик ва танаввуби ҳолатҳои гуногуни вай аст. Ин назария, ки онро назарияи нисбияти замон меноманд, дар осори Машшоиён ва Лейбниц — файласуф ва риёзидони шаҳири қарни ҳафтдаҳи Олмон собиқаи қавӣ дошт.

4. Аз ақоиди мазкури зурвония чунин натиҷа бармеояд, ки онҳо моддаро ҳам аз рӯи мартаба ва ҳам аз рӯи замон бар сурат муқаддам

медонистаанд. Моддаи нахустин ё сипеҳр сурати муайяне надошта бо зимни пайдо шудани охшиҷи чаҳоргона, табоеи чаҳоргона ва нафс (ҷон) суратҳои мушаххас касб мекардааст. Мантиқи ин қазияи зурвониён тақозо мекунад чунин натиҷа низ бигирем, ки нафс аз назари онҳо азалӣ ва қадим нест, балки дар яке аз мароҳили олии такомули модда (сипеҳр)-и қадам ба арсаи ҳастӣ ниҳодааст. Аз ҷо маълум мешавад, ки зурвониён дар таъбири масъалаи таносуби модда ва сурат аз Арасту ва пайравони ӯ, дар тавҷеҳи масъалаи таносуби нафсу тан аз Афлотун пешравтар будаанд. Арасту ва пайравонаш ҳарчанд аз рӯи замон суратро бар модда муқаддам намедонистанд, вале ақида доштанд, ки сурат ҷузъи фаъоли ҷисм аст, модда маҳз ба туфайли сурат чизе мешавад ва саҳми сурат дар ҳастӣ аз саҳми модда бартар аст. Афлотун ва афлотуниён дар навбати худ тақаддуми замонӣ ва рутбаии нафсро бар тан исбот мекардаанд.

5. Зурвониён сипеҳр (моддаи нахуст)-ро азалӣ ва абадӣ медонистанд. Кайҳон, ки аз ин моддаи нахуст таркиб меёбад, азалӣ ва абадӣ нест. Вай баъди дувоздаҳ ҳазор соли кайҳонӣ бархоста ва ба асли мояи худ, яъне моддаи нахуст, бархоҳад гашт. Ин нуктаи назариёти зурвониён тақозо мекунад бигӯем, ки бархостани кайҳон барои онҳо бе ному нишон нест шудани вай нест, балки фақат баргаштан ба сӯи мояи аслии худ аст. Равшантар бигӯем, дар ин нуктаи назариёти зурвониён яке аз усули умдаи материализм — асли бақои модда (сарфи назар аз ҳамаи таҳаввулоташ) таъйид шудааст. Чунон ки баъдан хоҳем дид, ин асл дар фалсафаи даҳрия ва асҳоби ҳаюло мақоми хосе дорад.

Дар хотима бояд гуфт, ки зурвонияи моддӣ дар рушди фалсафаи даҳрия ва асҳоби ҳаюло ҳамчун фалсафаи Ибни Равандӣ ва Абубакри Розӣ сараёни файзбахш доштааст.

**Даҳрия.** Ағлаби манобеи таърихӣ, адабӣ ва фалсафии баъди тасаллути ислом дар бораи даҳрия ба масобеҳи яке аз макотиби фалсафаи материалистӣ сухан меронанд ва нукоти умдаи онро мавриди нақд қарор медиҳанд. Вале бо таассуф бояд гуфт, ки аз осори худи даҳриён чизе ба даст нест ва таърих номи намояндагони онро низ маҳфуз надоштааст. Зиёда аз ин, дар бораи даврони зуҳури ин мактаб ва муносибати он бо зурвония мадраки боварибахш ва бурҳони котеъ надорем. Фақат аз рӯи баъзе оёти Қуръон ҳадс метавон зад, ки ин мактаби фалсафӣ ҳанӯз дар ибтидои зуҳури ислом ривоҷ ва нуфузи зиёд дошта ва усули он ба ақоиди ислом мухолиф будааст. Аз ин сабаб «Қуръон» ба нақди он пардохтааст: «оё надидаӣ касеро, ки ҳавои нафси худро худои хеш сохт ва Худованд ба илми хеш онҳоро ба залолат ронд ва мӯҳре ба гӯшу дили эшон ва пардае ба дидаи онон ниҳод? Ва эшон мегӯянд: дар ин дунё ҷуз ҳаёти мо чизе вуҷуд надорад. Мо зиндагӣ мекунем ва мемирем ва чизе даҳр моро ҳалок намекунад»[5].

Мақулаи (категорияи) асосии даҳрия мафҳуми даҳр аст. Бинобар ин барои ба моҳияти ин фалсафа роҳ ёфтан қабл аз ҳама мебояд маънии мақулаи мазкурро таъмин бикунем. Чунонки Саидҷаъфари Саҷҷодӣ — муаллифи «Фарҳанги улуми ақлӣ» менависад «калимаи даҳр итлоқ бар маонии бисёр шудааст аз ин қарор: муддати тӯлонӣ ва муддати дароз, умр, ғоят, одат, ғалаба, абадӣ ва ҳамешагӣ... Ва ба маънии ҳазор сол ҳам омадааст ва баъзе гуфтаанд замони номутаноҳӣ аст азалан ва абадан. Ва бар замон ба таври мутлақ ҳам итлоқ шудааст»[6]. Дар таърихи фалсафаи баъди ислом ин мақула ба таври гуногун таъбир шудааст. Масалан, Ибни Сино онро чунин тавзеҳ кардааст: «Ва он чизеро ки бо замон мавҷуд бошад ва дар замон набошад, вуҷуди ӯ бо истимрори кулли замон **даҳр** гуфта мешавад. Ба иборати дигар ҳар вуҷуде, ки лоятағайир бошад, истимрори ӯ даҳр аст. Ва мақсуди мо аз истимрори вуҷуд ин аст, ки дар ҳар вақте аз авқот ҳам-

5 قران الكريم-الجاثيه، ۲۳-۲۴

6 سيد جعفر سجادى. فرهنگ علوم عقلى. تهران ۱۳۴۱، ص ۲۶۳-۲۶۴

вора айнан ҳамон бошад. Пас, даҳр ҳамроҳии амри собит аст бо амри мутағайир. Ва нисбати ин ҳамроҳӣ бо даҳр монанди нисбати ҳамроҳ будани умури дигар аст бо замон. Нисбати умури собит баъзе ба баъзе ва ҳамроҳ будани онҳо бо якдигар аз ин ҷиҳат маъоние аст, фавқи даҳр. Ва сазовор ин аст, ки онро **сармад** биномем. Ва ҳар истисмори вуҷуде ба маънии адами тағйир будани қиёс ба вақте сармад мебошад. Аҷаб аст аз касоне, ки мегӯянд даҳр муддати сукун аст, ё замонест, ки ҳаракатро шумора намекунад ва ҳол он ки ақл муддат ва замонеро қабул намекунад, ки дар зоти ӯ қабл ва баъд набошад. Ва агар қабл ва баъд дошта бошад ночор таҷаддуди ҳол аст... ва аз ҳаракот холӣ нахоҳад буд» [7].

Носири Хисрав дар навбати худ даҳрро чунин таъриф мекунад: «Даҳр замони нопаймуда аст, ки мар ӯро оғоз ва анҷом нест, бал даҳр замони даранг ва бақои мутлақ аст» [8]. Фарқи замон аз даҳр ба назари Носири Хисрав иборат аз он аст, ки «замон аз даҳр ба ҳаракати афлок паймудааст, ки номи он рӯзу шаб ва моҳу сол ва ҷуз он аст» [9]. Ин гуфтори охирини Носири Хисрав ақидаи зурвониёнро дар бораи зурвони (замони) бекарона ва зурвони (замони) каноранманд, ки муштақ аз зурвони бекарон аст, ба хотир меоварад. Вале чунин ба назар мерасад, ки даҳр аз назари Носири Хисрав на муддати азалию абадии ҳастии модда (чунонки зурвониён мепиндоштанд), балки «даранги худой» аст. «Даҳр бақои зиндадорандаи зоти хеш аст» гуфтани Носири Хисрав шояд ҳамин матлабро ифода кунад.

Бобоафзали Қошонӣ — файласуфи қарни сездаҳум чунин ақида дорад, ки даҳр миқдори ҳастӣ ва муддату имтидоди пояндагии завот аст бе мулоҳизаи умури муғайираи ҳодиса, чунон ки дар замон малҳуз аст. Ин чунин маънӣ дорад, ки барои Бобоафзал даҳр имтидоди пояндагии чизҳои собит аст, хоҳ онҳо моддӣ бошанд, хоҳ ғайримоддӣ. Аммо замон фақат муддати ҳастии чизҳои мутағайир ва ҳодис аст. Ба ин муносибат чунин мулоҳиза меравад, ки аз назари Бобоафзал даҳр замони бекарона ва замон — даҳри каронаманд аст.

Дар пиромуни мақулаи даҳр ва муносибати он ба замон ва сармад Мирдомод — файласуфи шаҳири охири қарни шонздаҳ ва аввали қарни ҳафтдаҳи Эрон баёни муфассале дорад, ки хулосаи он чунин аст: «Ақл се навъи ҳастиро медонад. Яке **ҳастии дар замон.** Ва ин он гоҳ аст, ки чизҳои мутағайире, ки оғозу анҷом доранд, оғозашон ғайри анҷоми онҳост, онҳо гузаронанд ва ҳамеша дар саялон ва ҳоле ба онҳо мегузарад ва ҳоле нав мешавад. Дигарӣ **ҳастии бо замон** ва онро **даҳр** меноманд. Ин ҳастӣ замонро фаро мегирад ва ҳастии фалак бо замон аст. Замон дар ин ҳастӣ нисбати собит ба мутағайир аст, зеро ки аз ҳаракати фалак мерӯяд. Саввумӣ **ҳастии собит бо собит,** ки сармад ном дорад ва даҳрро фаро мегирад» [10]. Чунон ки мебинем Мирдомод дар масъалаи таъбири даҳр ва таносуби он бо замон ва сармад назари Ибни Синоро таъйид кардааст.

Аз тафсили маънии мақулаи даҳр маълум мешавад, ки фалосафаи баъди ислом сарфи назар аз мавқиф ва машраби ҷаҳонбиниашон онро ба маънии замони бекарона мефаҳмидаанд.

Мувофиқи ахбори манобеи фалсафӣ даҳрия оламро қадим ва абадӣ медонистааст. Агар ин ахбори онҳо дуруст бошад, пас онҳо даҳрро ба маънии замони бекаронаи ҳастии модда мефаҳмидаанд. Аз ин ҷо чунин натиҷа метавон гирифт, ки даҳр муродифи зурвони бекарона ва даҳрия ҳамрадифи зурвония аст. Агар ба усули фалсафаи даҳрия мутако бошем, ба эҳтимоли қавӣ метавонем ҳадс бизанем, ки даҳрия ҳамон зурвония аст, ки баъди ислом бо ин ном маъруф шудааст.

---

[7] ابن سینا. فن سماع طبیعی. تهران ۱۳۱٦، ص ۲۲۵

[8] ناصر خسرو. زاد المسافرین. برلین ۱۳۲۱، ص

[9] ناصر خسرو. زادالمسافرین. برلین ۱۳۲۱، ص

[10] میر داماد. قبسات. تهران، ۱۳۱۵، ص ٦۵

Чунон ки дар пеш гуфтем, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои мӯътамад усули муҳимтарини фалсафаи даҳрия инкори худо, ҳаёти охират, вуҷуди рӯҳонӣ, эътирофи сабабияти моддӣ, абадияти олами моддӣ будааст. Муаллифи «Шиканд гумоник вичор» («Гузориши гумоншикан») Мардон Фаррух (қарни 3 ҳиҷрӣ) дар ин бора чунин хабар медиҳад: даҳриён худоро намешиносанд ва ба бахт ақида доранд; тамоми таҳаввулоту тағйирот ва таркиботи ҷаҳонро аз асли замони бекарона медонанд. На биҳиште мешиносанду на дӯзахе ва на подошдиҳандае барои савобу гуноҳ. Аз ҳама болотар ин ки тамоми ҳастиро моддӣ медонанд ва ба вуҷуди рӯҳониёт ақида надоранд [11].

Чунон ки мебинем Мардон Фаррух дар бораи ба қидами олам қоил будани даҳриён сареҳатан чизе намегӯяд. Вале аз ишораи ӯ «даҳриён тамоми таҳаввулот, тағйирот ва таркиботи ҷаҳонро аз асли замони бекарона медонанд» чунин натиҷа метавон гирифт, ки даҳриён азалияту абадияти оламро қоил будаанд. Аз тарафи дигар, гуфтори Мардон Фаррух аз робитаи қавии даҳрия ба зурвония хабар медиҳад. Андак мулоҳиза ва муқобалаи усули фалсафаи даҳрия бо зурвония равшан месозад, ки машраби фалсафаи онҳо як аст.

Агар Мардони Фаррух дар бораи ба азалият ва абадияти олам қоил будани даҳриён сареҳатан сухан наронда бошад, Юсуфи Хоразмӣ (қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ) — муаллифи «Мафотеҳ-ул-улум» возеҳ ва равшан таъкид мекунад, ки хусусияти мумтози назариёти даҳриён аз эътиқод ба қидами олам иборат аст [12]. Вале дар хусуси ин нуктаи назариёти даҳриён, пурратар, возеҳтар ва равшантар Носири Хисрав баҳс кардааст. Ӯ дар «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» меоварад: «Яке фирқаи даҳриёнанд, ки аҳли таътиланд ва гӯянд: олам қадим аст ва ӯро сонеъ нест, бал саноеи маволид аз наботот ва ҳайвон **хиради афлок** ва анҷум аст, ки ҳамеша будааст ва ҳамеша бошад» [13]. Дар ҷои дигари ҳамин китоб Носири Хисрав менависад: «Гурӯҳе мар ибдоъ ва халқро мункиранд ва гӯянд олам маснуъ нест, бал қадим аст ва сонеи маволид **худи олам** аст ва мар ӯро сонее нест, бал азалӣ аст, ҳамеша буд ва ҳамеша бошад ва ин гурӯҳ даҳриёнанд» [14]. Чунон ки мебинем, даҳриён дар зимни қоил будан ба азалияту абадияти олам сонеъ надоштани онро низ таъкид мекардаанд. Ин ақидаи онҳо аз назарияи машшоии қидами олам ба куллӣ фарқ дорад: машшоиён гарчи азалияту абадияти оламро эътироф мекарданд, вале сонеъ доштани онро мункир набуданд. Бинобар ин Ғаззолӣ дар «Таҳофут-ул-фалосифа» назарияи мазкури даҳриёнро нисбат ба ақоиди машшоиён пайгиртар мешуморад [15]. Аз шаҳодати мазкури Носири Хисрав чунин натиҷа метавон гирифт, ки даҳриён оламро ба ду ҷузъ — олами офаранда ва олами офарида тақсим мекардаанд. Олами офаранда афлок ва анҷуми қадиманд, олами офарида аз маволид, яъне наботот, ҳайвонот ва инсон иборат аст. Дар як мавриди Носири Хисрав менависад, ки аз назари даҳриён сонеи маволид худи олам аст, дар мавриди дигар таъкид мекунад, ки ба ақидаи даҳриён сонеи маволид хиради афлок ва анҷум аст. Агар дар мавриди дуввум саҳве ҷой надошта бошад, яъне худ (خود) хирад (خرد) чоп нашуда бошад, пас тавзеҳи муаллифи мақолаи «Дар бораи аввалин макотиби фалсафаи моддӣ дар Эрон»-ро қабул бояд кард: «...Яқинан хиради афлок ва анҷум ақли кулли ишроқиён нест, балки низоми ҷабрии олам, ки «аз худи олам» ҷудо нест, мебошад. Ин худ такомуле аст дар тарзи тафаккури моддии даҳриён, зеро барои аввалин бор пайдоиш ва такомули худ ба худии олам, ки қоим

---

[11] Mardan Farrukh. Shikand—gumanik vizar ed E. W. West. The Parand Sanskrit text, 1887, p 41—42

[12] یوسف خوارزمی، مفاتیح العلوم.

[13] ناصر خسرو، جامع الحکمتین. تهران ۱۹۵۳، ص ۱۳۱

[14] Ҳамон ҷо.— С. 221.

[15] محمد الغزالی. تهافت الفلاسفه. بیروت، ۱۹۶۲، ص ۱۱۵

бар қавонини зотии худ аст, ба вузӯҳ баён шудааст» [16]. Агар шаҳодати Мардони Фаррух дар бораи он ки даҳриён тамоми **ҳастиро моддӣ медонанд** ва ба вуҷуди рӯҳониёт ақида надоранд, дақиқ бошад, тавзеҳи муаллифи мазкур аз маънии «хиради афлок ва анҷум» аз ҳақиқат дур нест. Бинобар ин мо ба таъбири Э. Табарӣ, ки дар ин нуктаи афкори даҳриён идеализмро меҷӯяд [17], наметавонем розӣ бишавем. Дар поёни баррасии ин нуктаи даҳрия бояд гуфт, ки «олами офаранда» ва «олами офарида»-и даҳриён ба «natura naturans» ва «natura naturata»-и Спиноза ҳамоҳанг аст. Вале чунон ки медонем Спиноза табиатро худо номида ба назарияи худ ранги пантеистӣ медиҳад. Даҳриён бошанд ба ҳастии худо ва ҳамагуна рӯҳониёт қоил набуданд.

Муҳаммад Ғаззолӣ ҳам усули асосии фалсафаи даҳрияро аз инкори офаридгор, аз азалият ва абадияти олам иборат медонад. Ӯ дар «Ал-Мункиз мин-аз-Зулол» фалосифаро ба се гурӯҳ, —даҳриюн, табииюн ва илоҳиюн тақсим карда дар хусуси даҳриён менависад: «Онҳо аз тоифаи мутафакирони қадимтар буда офаридгори мудаббир ва қодири оламро рад мекунанд. Даҳриён собит мекунанд, ки олам аз азал худ ба худ ҳамчунин вуҷуд дошт ва сонее надорад; ҳайвон ҳамеша аз нутфа ва нутфа аз ҳайвон пайдо мешавад. Ҳамеша чунин буд ва ҳамеша чунин хоҳад буд. Пас онҳо зиндиконанд» [18]. Ин мутафаккир дар «Таҳофут-ул-фалосифа» аз даҳрия баҳс карда усули ақоиди онҳоро возеҳтар баён мекунад: «Аммо мазҳаби даҳрия ва он бар он аст, ки олам қадим аст, чунон ки ҳаст... ва онро иллате нест ва офаридгоре надорад. Ва ҳодисшударо иллате нест. Ҷисм дар олам ҳодис намешавад ва маъдум намегардад, балки сувар ва аъроз ҳодис мешаванд. Аҷсоми самовот ва аносири арбаа қадим аст ва дар онҳо сувар бо имтизоҷҳо ва истиҳолот табдил меёбад. **Илали нуфуси инсонӣ ва наботӣ ва ҳаводис мунтаҳӣ мешавад ба ҳаракати даврия. Ҳаракати даврия қадим аст ва масдари он нафси қадими фалак аст...** Онҳо мегӯянд: оламро иллате ва офаридгор нест. Балки он чунон ки ҳаст қадим аст, бидуни иллате» [19].

Чунон ки мебинем, Ғаззолӣ дар зимни қидами олам, инкори офаридгор, бақои модда, ҳастии худ ба худии олам, ҳаракати даврии қадимро низ аз усули умдаи фалсафаи даҳриён медонад. Бино бар қавли вай даҳриён гӯё ақида доштаанд, ки ҳаракати даврии қадим, ки масдари он нафси қадими фалак аст, сабаби пайдоиши нуфуси инсонӣ, **наботӣ ва иллати ба вуҷуд омадани ҳаводиси дигар будааст. Ба ин муносибат** бояд гуфт:

— Азбаски даҳриён оламро моддӣ медонистанд, ба рӯҳониёт ақида надоштанд ва барои маволид ҷуз худи олам, ё хиради афлоку анҷум сонее қоил набуданд, бинобар ин яқинан ҳаракати моддиро масдар ва иллати тамоми табдилот, таҳаввулот ва таркиботи олам медонистанд...

— Яқин дорам, ки ғарази Ғаззолӣ аз «нафси қадими фалак» ҳамон «хиради афлок ва анҷум»-и Носири Хисрав аст, ки шарҳ ва таъбираш дар боло гузашт.

Муҳаммад Шаҳристонӣ дар «Ал-Милал ва-н-ниҳал» аз боби анвои бидъат сухан ронда аз даҳриён ёдовар мешавад. Ӯ дар зимни баёни усули фалсафаи даҳрия хотирнишон мекунад, ки даҳриён ҳаракатро на танҳо иллати пайдоиши нуфуси наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ, на танҳо сабаби пайдоиши дигар ҳаводис, балки боиси таркиби олам аз ҷавҳари парешон низ медонистанд. Агар ин маълумоти Шаҳристонӣ мӯътамад бошад, пас бояд гуфт, ки даҳрия ҳаракатро иллати ҳамаго-

---

16 دنیا . رقم ۱. سال سوم، ص ۶۹

17 احسان طبری برخی بررسیها در بارهٔ جهان بینیها و جنبشهای اجتماعی در ایران. تهران ۱۳۴۸، ص ۲۵۳–۲۵۵

18 محمد الغزالی. المنقذ من الضلال. دار الکتاب لحدیثه، ۱۳۸۵، ص ۸۷–۹۳

19 محمد الغزالی. تهافت الفلاسفه بیروت، ۱۹۶۲، ص ۱۵۴ Ниг. инчунин саҳ. 89, 110, 155.

нии тағйироти ҳамагонӣ медонистааст. Шаҳристонӣ навишта буд: «Бидъат ба навъҳои гуногун ҷудо мешавад. Аз ҷумла:

— инкори офарида аз тарафи офаридгор;

— инкори офаридгор аз тарафи офарида:

— инкори борӣ таоло аз ҷиҳати сифоти азалияи зотия, ки худ ба худ қоиманд;

— инкори борӣ таоло ва сифоту асмои азалии ӯ;

— инкори гуфтаҳои зоҳирии Қуръон, Сунна ва маъниҳои дол ба он.

Аммо дар боби инкори офаридгори олам, ки қодиру ҳаким аст, ба ҷуз аз гурӯҳи хурде, ки даҳриён ном доранд, аз каси дигаре дар ин боб мақолае наёфтам ва ба назарам нарасид. Онҳо мегӯянд: «Олам дар азал ба ҷавҳари парешон ҷудо шуда буд, ки бетартиб ҳаракат мекард. Иттифоқан зарбае (захмае) гирифта ба сурати ҳозираш, ки мебинӣ, даромад. Курраҳо давр заданд ва даврҳо пурра гардида муррақабот ба вуҷуд омад. Ман гумон надорам, ки соҳиби ин мақола офаридгорро инкор мекарда бошад, балки вай муътарифи офаридгор аст. Вале вай сабаби ҳастии оламро ба бахту иттифоқ марбут дониста ба сабабият такя мекунад» [20].

Шаҳобиддин Яҳёи Суҳравардӣ — бунёдгузори фалсафаи ишроқ аз даҳриён ҳикоят карда як нуктаи дигари таълимоти ононро ном мебарад. Ин нукта иборат аз он аст, ки даҳриён нубувват ва пайғамбаронро нафий мекардаанд. Ба ақидаи ӯ «даҳриён касонеанд, ки офаридгор, пайғамбарон, маҳшар, растахез, охират ва азобу роҳати баъди маргро инкор мекунанд» [21].

Дар хусуси мазҳаби фалсафии даҳриён аз осори каломи бадеъ низ метавон мадрак ва маълумот пайдо кард. Масалан, Маҷдиддин Саноӣ навиштааст:

Даҳрие омад ба наздики халифа ногаҳон,
Буғзи динӣ, мабғазе, шӯҳе, палиде, нобакор.
Ин чӣ бандаст аз шариат бар танат, гуфт, эй амир,
Ёфтастӣ подшоҳӣ, хуш хуру беғам гузор.
Рӯзаву иқду никоҳу дур будан аз мурод,
Ҳаҷу ғазву умраву ин амрҳои бешумор.
Хештан ранҷа чӣ дорӣ чун ба олам бингарӣ,
То бидонӣ, к-ин қадим асту надорад кардгор.
Гуфт расми шаръу суннат ҷумла тазвиру риёст,
Сар ба сар гетӣ қадим асту надорад кардгор.
Омадӣ ту бехабар в-аз хеш рафтӣ бехабар,
Н-омад аз рафта яке, аз мо бирафта сад ҳазор.
Ҳаст олам чун чарогоҳеву мо чун манзилӣ,
Чун бирафт ин манзилӣ, гирад дигар кас марғзор.
Табъу охшиҷу ҳаюлоро шиносем асли кавн,
Ҳар киро ин мункир омад, ақли ӯ гирад ғубор...
Ку мунаҷҷим, ку муҳосиб, гӯ, биё маълум кун,
Ибтидо пайдо куну мар интиҳоро ҳуҷҷат ор.
Он ки гуфт аз гоҳи одам панҷу понсад беш нест,
Насри воқеъ дар ҳамал чун кардаанд он ҷо нигор.
Ин ҳама зарқу фусун асту дурӯғу шуъбада,
Ҳилату найранг донад ин суханро ҳушёр [22].

Ҷалолиддини Балхӣ дар зимни тасвири баҳси даҳрӣ ва аҳли дин ақоиди даҳриёнро чунин баён мекунад:

В-он дигар гуфт: «Ин қадиму бекаяст
Несташ бонию ё бони ваяст...»
Файласуфе гуфт: «Чун донад худус
Ҳодисии абр чун донад уюс...»
Кирмаке к-андар ҳадас бошад дафин,
Қай бидонад охиру бадви замин?
Ин ба тақлид аз падар бишнидаӣ,
Аз ҳамоқат андар ин печидаӣ.

---

20 محمد الشهرستانی. نهایت الاقدام، ص ۱۳۳–۱۳۴

21 شهاب الدین سهروردی. مصنفات، تهران، ۱۹۵۲، ص ۲۶۲

22 دیوان سنائی. تهران، ۱۳۳۶، ص ۱۳

Чист бурҳон бар ҳудуси ин, бигӯ,
Варна, хомӯш кун, фузунгӯӣ маҷӯ.
Ҳен, биовар ҳуҷҷату бурҳон, ки ман,
Нашнавам бе ҳуҷҷат инро дар заман [23].

Таълимоти даҳрия роҷеъ ба таносуби нафсу тан аз равияи материалистии афкори он хабар медиҳад. Чӣ тавре ки маълум аст, аксарияти мутаффакирони дунёи қадим ва асрҳои миёна бар ин ақида буданд, ки нафси наботӣ ва ҳайвонӣ ба ҷисм (тан) зич пайваста аст ва бо фанои он фасод мешавад. Аммо нафси нотиқаи инсонӣ хосияти ҷисм (тан) нест ва бо инҳилоли бадан фосид намешавад. Бар хилофи ин таълимот даҳриён муътакид буданд, ки «нафси мардум пас аз он ки аз ҷасад ҷудо шавад, ноҷиз шавад ҳамчун нафсҳои наботӣ ва ҳайвонӣ ва бе ҷасад ӯро вуҷуд нест».

Дар масъалаҳои ахлоқ даҳриён пайрави гедонизм буда лаззату хушиҳои ҳаётро ғанимат медонистанд. Ҷоҳизи Басрӣ (мутавафӣ ба соли 225 ҳиҷрӣ) даҳриёнро мардуме комҷӯ ва лаззатпараст тавсиф мекунад ва менависад: «Даҳриён фарқе байни инсон ва ҳайвон қоил нестанд. Ҳарчӣ дар роҳи тамоюлашон сад гардад, дар назарашон шарр аст. Ҳама чизро ба масъалаи лаззат ва ранҷ месанҷанд, ҳар чӣ ба нафъашон аст ҳақ аст, гарчӣ ба баҳои ҳаёти ҳазор мард тамом шавад» [24]. Дар ин гуфтори Ҷоҳиз ҳақ бо ботил даромехтааст: ин ки даҳриёни комҷӯ ва лаззатхоҳ буданд аз ҳақиқат дур нест. Вале ин ҳам мусаллам аст, ки онҳо дар комҷӯӣ ва лаззатхоҳӣ ҳадди эътидолро нигоҳ медоштанд ва аз ифроткорӣ дур буданд. Онҳо на танҳо худбин, балки ғайрбин ҳам буданд. Ин фикри моро назариёти ахлоқии Абубакри Розӣ, ки бешак таҳти таъсири даҳриён сурат гирифтааст, таъйид менамояд. Гедонизми даҳриён аз инкори охират ва назариёташон дар бораи ваҳдати олами моддӣ оби ҳаёт нӯшидааст. Гуфтори Ҷоҳиз дар бораи ин ки «даҳриён фарқе байни инсон ва ҳайвон қоил нестанд» низ аз ҳақиқат дур аст. Даҳриён мартабаи олии инсонро аз ақл иборат медонистанд ва бар он буданд, ки тамоми фарқи байни инсон ва ҳайвон аз ҳамин сифати инсон, яъне ақл бар меояд.

Ба таълимоти даҳриён назариёти табоиён хеле ҳамоҳанг аст. Масалан, Носири Хисрав шаҳодат медиҳад, ки «аҳли табоеъ мар оламро азалӣ гуфтанд ва гӯянд, ки чизҳо аз ин чаҳор табъ ҳамебуда шавад, чун гармӣ, сардӣ, тарӣ ва хушкӣ, бе он ки **тадбире ва тақдире** аз ҷуз эшон ҳаме бад-эшон пайванданд. Ва ҳамегӯянд: ин чаҳор чиз, ки ёд кардем сифатхоянд. Мар сифатро аз мавсуф чора нест, то бар ӯ падид ояд. Он мавсуф, ки мар ин чаҳор сифатро баргирифтааст, ҷисм аст, ки мар ӯро ҳаракати қасрӣ аст ва гаштани аҳвол ва макопгиру қисматпазирааст» [25]. Аз ин гуфтори табоиён бар меояд, ки онҳо оламро ҷисмонӣ ва мутағайир дониста, барои он офаридгоре қоил нестанд. Табоиён дигар масъалаи муҳимми фалсафаи атиқа ва қуруни вусто — масъалаи таносуби модда аз суратро низ аз назари материалистӣ ташреҳ кардаанд. Носири Хисрав менависад, ки «гурӯҳе аз аҳли табоеъ гуфтаанд, ки ҷисм андар зоти хеш ҳарчанд ки мураккаб аз ҳаюло ва сурат аст, мар ҳаюлоро бар сурат ба ҷавҳарият фазл аст, аз баҳри он ки сурат бад-ӯ қоим шуда» [26]. Дар ҳалли масъалаи ҷавҳар ва араз низ табоиён равияи материалистиро тақвият додаанд, зеро мувофиқи ақидаи онҳо ҷавҳар дар ҳастии худ ба араз ниёзманд нест, вале араз дар ҳастияш ба ҷавҳар мӯҳтоҷ мебошад.

Чунонки ҳангоми баррасии назариёти ҳам зурвония, ҳам даҳрия ва ҳам табоия дидем, масодир ва манобеи фалсафӣ куллан дар бораи усули хастишиносии (онтологии) ин макотиби фалсафӣ бахс карда аз

———

[23] جلال‌الدین رومی. مثنوی، دفتر ٤، ص ٢٨٣٤–٢٨٤٦

[24] جاحظ. کتاب الحیوان ج ٧ القاهرة، ١٩٥٦ ص ٢٣١

[25] ناصر خسرو. زادالمسافرین، ص ١٤٢–١٤٣

[26] ناصر خسرو. زادالمسافرین،

баён ва накди ақоиди маърифатии (гносеологии) онҳо сарфи назар намудаанд. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки дар қуруни вусто асосан масоили ҳастӣ, на масоили маърифат мавриди баҳсҳои шадиди ақидати ва идеологӣ буданд. Равшантар бигӯем, дар ин даврон ба сабаби набарди ақидатии дин ва фалсафа ҷиҳати аввали масъалаи асосии фалсафа — масъалаи оё модда азалӣ ва абадӣ аст ё рӯҳ (худо, нафс) дар маркази ҳама баҳсҳо қарор гирифта буд. Бинобар ин нокидони зурвония, даҳрия ва табоия ба баён ва накди ақоиди ҳастишиносии (онтологии) онҳо иктифо кардаанд.

* * *

Чунон ки аз ахбори масодир ва маохиз бармеояд, тамоюли моддигарой (материалистӣ) дар фалсафаи қуруни 2—8 форс-тоҷик хеле қави будааст ва дар назариёти зурвония, даҳрия ва табоия возеҳ ифода ёфтааст. Вале агар ақидаи Муҳаммад Ғаззолӣ дар ин хусус, ки фалосифаи баъди тасаллути ислом худоро танҳо маҷозан сонеъ, фоил, холиқ ва мубдиъи олам медонанд[27], ҳақиқате дошта бошад ва шаҳодати Носири Хисрав дар ин бора, ки мағзи сухани фалосифаи асҳоби ҳаюло, хусусан Ибни Ровандӣ ва Абубакри Розӣ андар қадимат ва абадияти **ҳаюлост, таҳриф ва ифтироҳи назариёти онон** набошад, пас равиши моддигарой дар асрҳои баъд низ мавқеи хосе пайдо мекунад. Бинобар ин ақидаи касоне, ки фалсафаи форс-тоҷикро танҳо аз ирфон ва назариёти динӣ иборат медонанд, дақиқ нест.

Аммо бояд гуфт, ки вақтҳои охир дар байни як иддаи файласуфон ақидае пайдо шудааст, ки гӯё табақабандии ҷараёнҳои фалсафӣ ба материализм ва идеализм ифтироҳ ва сохтаи марксизм буда раванди таърихии фалсафаро ба таври воқеӣ мунъакис намекунад. Вале ба назари ман ин ақида дуруст нест. Зеро табақабандии ҷараён ва мактабҳои фалсафӣ ба ду равияи асосӣ, ки материализм ва идеализм номида шуданд, аз замонҳои бисёр қадим вуҷуд дорад. Масалан, Афлотун — файласуфи қарни 4-уми пеш аз милоди Юнони қадим дар «Софист» ном асараш навишта буд: «Баъзеҳо ҳама чизро аз осмон ва аз мавзеъҳои нодиданӣ ба замин фуруд меоранд... **Онон боисрор таъкид мекунанд, ки гӯё фақат чизе вуҷуд дорад, ки қобили басовиш ва ламс аст ва аҷсому ҳастиро айни як чиз медонанд**; ин гурӯҳ ҳамаи ононеро, ки мегӯянд гӯё чизҳои ғайриҷисмонӣ вуҷуд доранд, нафрин менамоянд ва сухани дигареро шунидан намехоҳанд... Бинобар ин касоне, ки бо онҳо баҳс мекунанд,... **қотеона таъкид мекунанд, ки ҳастии ҳақиқӣ аз идеяҳои маъқул ва рӯҳонӣ (ғайриҷисмонӣ) иборат аст**; аҷсомро, ки дар бораи онон ин одамон (яъне касоне, ки аҷсом ва ҳастиро айни як чиз медонанд—**М. Д.**) сухан меронанд ва онҳоро ҳақиқат меноманд, инҳо (яъне касоне, ки ҳастии ҳақиқиро аз идеяҳо иборат медонанд—**М. Д.**), ҳастӣ наменоманд... Дар ин хусус байни ду тараф ҳамеша муборизаи шадид меравад»[28]. Равшан аст, ки Афлотун дар ин ҷо аз хусуси ду равияи асосӣ дар фалсафа, ки байнашон набарди шадид ҷой дорад, сухан меронад — равияи материалистӣ, ки ҳастиро ҷисмонӣ мешуморад ва равияи идеалистӣ, ки ҳастиро рӯҳонӣ (нафсонӣ, идеалӣ) медонад.

Дар аввали асрҳои миёна дар хусуси ин ки ду навъ файласуф ва ба ин сабаб ду навъ равияи фалсафӣ вуҷуд дорад Августин (354—436)—илоҳиётшиноси насронӣ ва намояндаи патристика сареҳатан сухан рондааст: «Агар чи насронӣ, ки фақат аз китобҳои динӣ маърифатнок шудааст, метавонад ҳатто номи афлотуниёнро надонад ва бехабар аз он бошад, ки ду навъи файласуфон—иониён ва италиён вуҷуд доштанд, вале ӯ аз корҳои инсонӣ на ба он дараҷа бехабар аст, ки надонад, ки файласуфон ё майл ба ҳикматро меомӯзонанд ё худи ҳикмат-

---

[27] محمد الغزالی، تهافت الفلاسفه، ص ۸۹–۱۰۹

[28] Платон Софист.— Соч.—Т. 2.—С. 364—365 (246 вс).

ро. Сарфи назар аз ин вай аз касоне ҳазар менамояд, ки тибқи табоеи ин ҷаҳон, на тибқи Худо, ки худи оламро офаридааст, фалсафасозӣ мекунанд»[29]. Хасоиси файласуфони навъи ионӣ (мактаби милет ва пайравони он) иборат аз он буд, ки тибқи табоеи ин ҷаҳон фалсафа месохтанд, яъне асосан ба таҷрибиёт, маҳсусот ва моддиёт таваҷҷуҳ доштанд. Файласуфони навъи италӣ (мактаби элей ва пайравонаш) бошанд масоили фалсафиро бештар тибқи Худо тарҳрезӣ ва ташреҳ мекарданд, яъне барои онҳо асосан эътирофи бартарии мабдаи ақлонӣ бар маҳсулот хос аст. Агар на истилоҳот, балки мазмуни гуфтори Августин ба эътибор гирифта шавад, ба осонӣ равшан хоҳад шуд, ки ӯ ба мисли Афлотун ду равияи асосии фалсафӣ — равияи материалистӣ ва идеалистиро эътироф мекардааст.

Агар ба осори файласуфони қарнҳои 15—19 Аврупо назар андозем, бо сароҳат хоҳем дид, ки онҳо низ мавҷудияти ду равияи асосии фалсафӣ — материализм ва идеализмро басе равшан эҳсос мекардаанд ва ҳастии онҳоро ба ҳалли масъалаи таносуби моддиёт ва руҳониёт марбут медонистаанд. Л. Фейербах — файласуфи шаҳири нимаи аввали қарни 19 Олмон ин ҳақоиқи таърихӣ-фалсафиро ба инобат гирифта ва ҷамъбаст намуда дар асараш «Дарсҳо дар бораи моҳияти дин» навишта буд: «Масъалаи ин ки оё Худо оламро офарида буд, умуман масъалаи муносибати Худо ба олам — масъалаи муносибати рӯҳониёт ба маҳсусот, кулл ё муҷаррад ба воқеият, навъ ба фард аст... Вале ман хотирнишон мекунам, ки ин масъала аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин ва, дар айни замон, душвортарини маърифати инсонӣ ва фалсафа аст. Ин пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки тамоми таърихи фалсафа... дар атрофи ҳамин масъала давр мезанад ва баҳси равоқиён ва эпикуриён, афлотуниён ва арастуиён, шаккокон ва догматикҳо дар фалсафаи қадим, номинамистҳо ва реалистҳо дар асрҳои миёна, идеалистон ва реалистон ё эмпирикҳо дар замони навтарин комилан аз мунозира дар пиромуни ҳамин масъала иборат аст»[30]. Агар ҳамаи ин ҳақоиқи таърихӣ-фалсафиро ба инобат бигирем, пас равшан хоҳад шуд, ки Ф. Энгельс (ва марксизм умуман), ки масъалаи асосии фалсафаро возеҳтар ва ақидаи мавҷудияти ду равияи асосии фалсафӣ — материализм ва идеализмро равшантар ва комилтар баён кардааст, аз доираи суннатҳои фалсафаи аврупоӣ берун нарафтааст.

Вале шояд масъалаи асосии фалсафа ба он тавре ки ифода шуд ва табақабандии равияҳои фалсафӣ ба материализм ва идеализм танҳо аз хавоси фалсафаи Ғарб бошад ва ба афкори фалсафии Шарқ муносибате ва дахле надошта бошад? Ба ин савол ҷавоби манфӣ бояд дод. Зеро чунон ки, масалан, аз таҳқиқоти муаррихони фалсафаи Ҳинд бармеояд, масъалаи таносуби руҳониёт ва моддиёт дар фалсафаи ин кишвар ҳам мавқеи хоса доштааст ва фалсафа аз рӯи ҳалли он ба материализм (локаятамата) ва идеализм табақабандӣ шудааст. Нақди ақидаи материалистӣ дар Упонишодҳо аз он дарак медиҳад, ки андешаи материалистӣ дар Ҳиндустон аз замонҳои басе қадим вуҷуд доштааст, ва гар на ҳоҷат ба накди он намебуд.

Намунаи равияи материалистии фалсафаи Ҳинд мактаби локаята (ё чарвака) аст. Лекин чунин ба назар мерасад, ки осори мутафаккирони материалисти Ҳинд дар асари мубризаҳои ақидатӣ аз байн рафтааст ва акнун андешаҳои онҳо аз рӯи шаҳодати ноқидон барраҷӣ мешавад. С. Чаттерҷӣ ва Д. Датт навиштаанд: «Ҳарчанд ки материализм ба ин ё он шакл дар Ҳиндустон ҳамеша вуҷуд дошт ва мо дар ведҳо, адабиёти буддоӣ, эпос ва осори фалсафии давраҳои баъд ёдовариҳои алоҳидаро дар бораи он пайдо мекунем, вале сарфи назар аз ин мо на осори муназзаме роҷеъ ба материализм, на мактаби муташаккили пайравони онро (чунон ки дар мавриди дигар ҷараёнҳо ҷой дорад) пайдо карда наметавонем. Вале ақидаҳои материалистӣ бо

---

[29] Мир философии.— М. 1991.—С. 24.

[30] Фейербах Л. Избранные философские произведения.—Т. 2.—С. 623.

астрийский теолог IX в.), по сочинениям которых реконструируется его философия, свидетельствуют о том, что дахриты не признают существование бога, верят в случай, все метаморфозы, изменения и образования мира выводят из беспредельного времени, не признают ни рай, ни ад, ни наказания, ни воздаяния, считают все бытие материальным и не верят в существование духовных сущих. Критики (Юсуф Хорезми, Насир Хисрав, Мухаммад Газали, Мухаммад Шахристани, Шахабаддин Сухраварди, Маджидаддин Санои, Джамаладдин Руми и др.) к основным принципам дахризма также относят учения о вечности мира, творящем (вечные небо и звезды) и творенном (растения, животные и человек) мирах, отрицании пророчества, невечности и тленности души (в том числе и человеческой) и о движении как причине возникновения мира (включая растения, животных и человека) из беспорядочной субстанции. В свете этого все критики дахризма квалифицировали его как материалистическую доктрину. У нас нет никаких оснований сомневаться в их правоте. Поэтому следует решительно отвести точку зрения тех западных и восточных исследователей, которые считают, что восточная философия есть сплошная мистика, сплошной спиритуализм. Тем более, что исследования последнего столетия показывают, что мтериализм в той или иной форме всегда существовал и в Индии, и в Китае.